***РАВАНДИ ТАҲИЯ ВА ҚАБУЛИ АВВАЛИН ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ»***

Таҳлили корҳои илмию оммавӣ собит менамояд, ки роҳандозӣ шудани сиёсати кадрӣ дар низоми хизмати давлатӣ ҳануз аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 16 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди барқарор шудани сохтори конститутсионӣ ибтидо гирифта, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, махсусан роҳбарони сиёсии вазорату идораҳо дар ҳамин иҷлосияи тақдирсоз амалӣ гардиданд [6, с.51].

Дар робита Сохтори нави Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, роҳбарони онҳо таъин гардиданд, ки нишонаҳои нахустин ва қадами аввалин дар роҳи ташкили хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон буданд.

Перомуни саҳлу осон набудани масъалаи ҷобаҷогузории кадрҳо зимни суханрониҳояш борҳо Ҷаноби Олӣ хотиррасон намуданд, ки «бинобар вазъи ноороми ҷомеа ҳамон вақт на ҳамаи пешниҳодшудагон ба мансабҳои давлатӣ розӣ мешуданд». Ин боиси он гардид, ки мансабҳо ба шахсоне бовар карда мешуданд, ки бо Сарвари давлат ҳамфикр ва ҷонибдори сиёсати пешгирифтааш буданд. Бо ҳамин тартиб ҷобаҷогузории кадрҳо дар мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ мегардиданд.

Бо назардошти он, ки дар Конститутсия аз 6 ноябри соли 1994 Тоҷикистон худро давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд эълон намуд [1, с.51], бо мурури замон сиёсати кадрӣ дар низоми хизмати давлатии Тоҷикистон моҳияти демократиро касб намуда, барои дуруст роҳандозӣ гардидани он бояд заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда мешуданд.

Аз ин лиҳоз, ҳангоми таҳияи лоиҳаи Конститутсия бори дигар ташкили ниҳоди хизмати давлатиро, ки ба майдони идоракунии давлатии кишварҳои дунё ворид шуда буд, Сардори давлат муҳим арзёбӣ намуданд[1, с.50-52].

Ҳамин тавр, маҳз бо дастгирии бевоситаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қисми 2 моддаи 27 Конститутсия ҳуқуқи баробар доштани шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ ифода ёфт [6, с.20], ки заминаи ҳуқуқӣ ва ташаккули минбаъдаи хизмати давлатиро муайян менамояд[1, с.52].

Аз ин рӯ, қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ташаккул ва таҳкими идоракунии давлатии муосир ва хизмати давлатии касбӣ дониста мешавад [1, с.20].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 2008 иброз намуданд, ки «Ба ҳама маълум аст, ки сатҳу сифати идоракунии

давлатӣ ба донишу таҷриба, маҳорату малака, масъулиятшиносиву ташаббускорӣ ва сифатҳои касбиву кордонии хизматчиёни давлатӣ вобаста аст. Хизмати давлатӣ асоси сиёсати давлатии кадрҳо буда, қабл аз ҳама ба манфиатҳои миллӣ ва таъмини фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ равона карда мешавад.»[2, 2].

Аз ин бармеояд, ки хизмати давлатӣ ниҳодест, ки функсияҳои мақомоти давлатиро амалӣ месозад, фаъолияти дастгоҳи давлатиро таъмин мекунад, идоракунии давлатиро пеш мебарад ва ниҳоят татбиқкунандаи сиёсати давлатии кадрҳо мебошад.

Аввалин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» бо ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод, қабул ва аз 13 ноябри соли 1998 ба имзо расида, татбиқи он барои бунёди хизмати давлатии муосири Тоҷикистон пойдевори устувор гузошт [1, с.52-53].

Вобаста ба хизмати давлатӣ ва масъалаҳои алоҳидаи он корҳои илмии зиёде эҷод гардида, мақолаҳои илмию оммавӣ нашр шудаанд. Вале бояд тазаккур дод, ки ба истиснои зикри ном ва санаи қабули Қонун дигар дар бораи раванди таҳия ва қабули Қонуни таҳрири соли 1998 маълумоти дахлдор дида намешавад.

Аз ин лиҳоз, зарур шуморидам, ки ба таҳқиқи ин мавзуъ пардозам ва натиҷааш чунин аст:

Ҳануз моҳи сентябри соли 1993 аз тарафи Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ва масъалаҳои иҷтимоӣ дар асоси қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон кор оид ба таҳияи лоиҳаи қонуни хизмати давлатӣ оғоз шуда буд. Октябри ҳамон сол аввалин лоиҳаи қонун ба Шӯрои Вазирон пешниҳод гардид. Моҳи ноябри соли 1993 бо ташаббуси Кумитаи Шӯрои Олӣ оид ба сохтори давлатӣ гурӯҳи корӣ оид ба таҳияву такмили лоиҳаи пешниҳодшуда ташкил шуд, ки он аз намояндагони Шӯрои Олӣ, Шӯрои Вазирон, Прокуратура, Иттифоқҳои касаба ва вазоратҳои алоҳида иборат буд. Ҳангоми муҳокимаи лоиҳа Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулоса омад, ки то қабули Конститутсияи нав қабули қонуни мазкур боздошта шавад. Баъд аз қабули Конститутсия Раёсати Шӯрои Олӣ қарори худро дар бораи мувофиқ намудани қонунҳои ҷорӣ бо Конститутсия ва қабули қонунҳои наве, ки аз талаботи Конститутсия бармеоянд, қабул намуд, ки дар он зарурати таҳия ва қабули қонуни хизмати давлатӣ низ зикр шуда буд.

Бо дарназардошти ин талаб таҳияи лоиҳа аз нав оғоз ёфт ва Вазорати меҳнат лоиҳаро ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намуд. Сипас, Ҳукумат лоиҳаро ҷиҳати гирифтани хулоса ба мақомоти дахлдор равон намуда, бо дарназардошти пешниҳоду дархостҳои воридгардида лоиҳа бори дигар такмил ёфт. Дар навбати худ лоиҳаи такмилёфта моҳи декабри соли 1995 ба муҳокимаи бахшҳои таркибии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳуриии Тоҷикистон пешниҳод шуд ва баъд аз ҷамъбасти пешниҳодҳо бо мактуби расмии Президенти Тоҷикистон барои муҳокима ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Ҳамзамон бо ин дар асоси нақшаи корӣ таҳияи лоиҳаи қонунҳои моделии Ассамблеяи байнипорлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи консепсия ва қонуни моделии хизмати давлатӣ ба зиммаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардид. Бо назардошти ин Раёсати Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ аз 8 январи соли 1997 таҳти рақами 818 доир ба тайёр кардани лоиҳаи санади моделии қонунгузорӣ барои мамлакатҳои иштирокчии ИДМ «Дар бораи асосҳои хизмати давлатӣ» комиссияи махсусро таъсис дод.

Бо дарназардошти масъулияти иҷрои ин вазифа гурӯҳи корӣ ба омӯхтани тамоми қонунҳои мавҷуда ва махсусан дастурҳои ба масъалаҳои хизмати давлатӣ алоқаманд шуруъ намуд.

Аз ҷумла, бо мақсади иҷрои вазифаи таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ ба давлатҳои узви ИДМ ва кишварҳои хориҷӣ сафарҳои хизматӣ анҷом дода шуд.

Ҳамгоми омӯхтани қонунҳо, асноди ҳуқуқӣ, маводи илмии кишварҳои дигар, пешниҳоду дархостҳои кумитаҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вакилони алоҳида гурӯҳи корӣ ба лоиҳаи пешниҳодшуда баъзе тасҳеҳу дигаргуниҳо ворид намуд.

Ҳамин тавр, аз ҷониби масъулини Бахши Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати кадрҳо бо ҷалби намояндагони вазорату идораҳо таҷрибаи кишварҳои пешрафта омӯхта шуда, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» омода гардид ва бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба баррасии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Дар муқаддимаи лоиҳаи Қонун муносибатҳое, ки таҳти танзими ин қонун қарор мегиранд ва истилоҳоту мафҳумҳои мавриди истифода муайян гардида пешбинӣ шуданд.

Боби аввал масъалаҳои ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистонро ба хизмати давлатӣ, самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ, қонунгузорӣ дар бораи хизмати давлатӣ, доираи амали қонун ва принсипҳои хизмати давлатӣ ва мақоми идораи хизматии давлатиро дар бар гирифт.

Боби дуюми лоиҳа ба масъалаҳои категорияҳо ва феҳристи вазифаҳои давлатӣ, дохил шудан ба хизмати давлатӣ ва дар хизмати давлатӣ будан, озмун барои ишғол намудани ҷои холӣ, санҷиш дар хизмати давлатӣ, омӯзиш, такмили дониш, баланд бардоштани дараҷаи тахассус ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ, аттестатсияи хизматчии давлатӣ, рутбаҳои тахассусии хизматчии давлатӣ, истеъфои хизматчии давлатӣ ва ғайра бахшида шуд.

Боби сеюм масъалаҳои ҳуқуқҳои хизматчии давлатӣ, вазифаҳои хизматчии давлатӣ, маҳдудиятҳои вобаста ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ ва масъулиятии хизматчии давлатӣ ва боби чаҳорум масъалаҳои кафолатҳои гуногуни хизматчии давлатӣ, музди меҳнати хизматчии давлатӣ, собиқаи хизмати давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ, рухсатӣ, таъминоти иҷтимоию моддии хизматчии давлатӣ, таъминоти нафақа ва кӯмакпулӣ ба хизматчии давлатиро пешбинӣ намуд [3].

Бори нахуст 15 майи соли 1997 дар иҷлосияи шашуми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», ки бо пешниҳоди Президенти мамлакат дохил гардида буд, дар қироати аввал муҳокима гардида, маъқул дониста шуд.

Дар як вақт Кумитаи Маҷлиси Олӣ оид ба сохтори давлатӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор шуда буданд, ки лоиҳаро аз нав такмил дода, барои тасдиқ, ба хониши дуюм пешниҳод кунанд, лоиҳа бори дигар ба вазорату идораҳои дахлдор, ки ба таври илова мулоҳизаҳояшонро пешниҳод карда буданд, ирсол гардид.

Ҳамчунин бо қарори Шӯрои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни мазкур ба ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуд. Қисми зиёди пешниҳодоти вазоратҳо ва идораҳо дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳангоми таҳриру такмили лоиҳаи қонун, ки он 23 октябри соли 1998 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хониши дуюм пешниҳод карда буд, ба инобат гирифта шуд.

Перомуни масъалаи мазкур зимни суҳбати собиқ роҳбари дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хабарнигорони рӯзномаҳои кишвар зери рубрикаи «Ба манфиати халқ ва давлат амал намуда» чунин қайд карда шудааст: «Бо ташаббуси Президент ҷиҳати баррасӣ дар хониши дуюм дар иҷлосияи Маҷлиси Олӣ лоиҳаи Қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз нав ҷиддан таҳрир карда шуд, ки барои таҳкими заминаҳои меъёрию ҳуқуқии сиёсати кадрҳо хизмат мекунад»[4].

Таҳлил нишон медиҳад, ки Кумитаи Маҷлиси Олӣ оид ба сохтори давлатӣ дар ин мӯҳлате, ки миёни иҷлосияҳо дошт, се маротиба масъалаҳои зикршударо дар маҷлисҳои кумита дида баромаданд. Дар якҷоягӣ тамоми пешниҳодоту мулоҳизаҳои аз кумитаҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вакилони мардумӣ расидаро (беш аз 100) бодиққат омӯхта, қисми зиёдашонро (67) ҳангоми таҳриру такмили лоиҳа истифода намуданд.

Қабл аз пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур ба муҳокимаи Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон собиқ Раиси Кумитаи Маҷлиси Олӣ оид ба сохтори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати якум Мусоева Р.Ғ. дар гузоришашон иброз намуданд, ки дар хониши дуюм Кумита якҷоя бо таҳиякунандагони лоиҳа аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор маротибаи дигар таклифу пешниҳодоти воридгардидаро мавриди муҳокима қарор доданд ва лоиҳаи ниҳоии қонун такмил дода шуд.

Ҳамин тавр, Кумитаҳои Маҷлиси Олӣ лоиҳаи қонунро пурра дастгирӣ намуданд.

Қобили қайд аст, ки 15 июни соли 1998 Ассамблеяи байнипорлумонии Иттиҳоди давлатҳои мустақил намунаи Қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ»-ро барои иштирокдорони давлатҳои мустақил маъқул донист ва меъёрҳои он зимни такмили лоиҳаи Қонуни мазкур ба инобат гирифта шуданд[6].

Дар ин росто, бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» 13 ноябри соли 1998[7]

қабул гардид, ки аз муқаддима, 5 боб ва 34 модда иборат аст. Яъне санаде қабул шуд, ки дар риштаи қонунгузории кишвари мо аз ҷиҳати маҷмӯӣ муносибатҳои ҷамъиятии мураккаби ба хидмати давлатӣ алоқамандро танзим намуд. Қонуни мазкур на танҳо асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти хизмати давлатиро муқаррар намуд, балки ба оғози ислоҳот ҳусни ифтитоҳ бахшид. Ё ба андешаи олими тоҷик Каримов К.М. ин қонун сарчашмаи иловагӣ ва асосии қонунгузорӣ дар бораи хизмати давлатӣ мебошад, маҷмуи муҳими проблемаҳои хизмати давлатиро ба танзим медарорад[ 7, с.100].

Дар он мафҳуми хизмати давлатӣ чунин ифода гардид: «хизмати давлатӣ-фаъолияти касбии шахсоне, ки мансабҳои давлатии хизмати давлатиро оид ба таъмини иҷрои ваколатҳои мақомоти давлатӣ ишғол менамоянд.»

Қонун механизми ҷудо намудани мутахассисони салоҳиятноку соҳибкасбро дар системаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ мустаҳакам намуд. Фаъолияти меҳнатии хизматчиёни давлатӣ, мақоми ҳуқуқӣ, масъалаҳои ҳимояи иҷтимоии онҳо, гузаронидани аттестатсия ва минбаъд баланд бардоштани тахассуснокӣ, додани мартабаҳои навбатӣ ва сабабҳои пешрафтро дар зинаҳои хизматӣ муайян кард.

Қабули ин қонун қадами ҷиддӣ дар роҳи пешгирифтаи ислоҳоти маҷмӯии иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Дар ҳамон давра қонун яке аз воситаҳои муҳими мусоидат ба рушди миллӣ ва аз ҳама асосиаш он буд, ки заминаи дигари ҳуқуқии ташаккули хизмати давлатӣ дар мамлакатро фароҳам овард.

Аз ҳама муҳим он буд, ки дар қонун механизмҳои мухталифи интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, таълиму тарбияи онҳо пешбинӣ гардида буданд. Аз ҷумла, ду воситаи ишғол намудани мансабҳои холиро дар асоси озмун, яъне дар шакли озмуни ҳуҷҷатҳо барои ишғоли ҷойи холии мансабҳои категорияҳои олӣ, якум, дуюм ё озмун-санҷиш барои ишғоли ҷои холии мансабҳои категорияҳои сеюм ва чорум пешниҳод намуд, ки ин қадамҳои аввалин ва ҷиддӣ дар самти хизмати давлатӣ буд.

Дар қонун амалигардии механизмҳои зикршуда ба риоя гардидани талаботи тахассусие, ки нисбати хизматчиёни ишғолкунандаи мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ пешниҳод мегардад, аз ҷумла, доштани таҳсилоти касбӣ бо назардошти категория ва ихтисоси мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ; собиқа ва таҷрибаи кор аз рӯи ихтисос; донистани Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабҳои дахлдор тааллуқ доранд, мансуб донистааст.

Бинобар ин, барои омӯзиш, такмили дониш, баланд бардоштани дараҷаи тахассуси хизматчиёни давлатӣ дар муассисаҳои таълимии дахлдор, инчунин бо роҳи таҷрибаомӯзӣ дар қонун кафолати муҳайё кардани шароити корӣ пешбинӣ гардид.

Бо мақсади танзими бархурди манфиатҳо ва пешгирии роҳ надодан ба зуҳуроти коррупсионӣ дар қонун монеа ва маҳдудиятҳои дохил шудан ба хизмати давлатӣ ва будан дар хизмати давлатӣ пешбинӣ карда шуд, аз ҷумла дар асоси шароити ишғолкунии мансаби штатӣ ба дигар кори музднок,

шахсан ё ба воситаи шахсони боэътимод бо соҳибкорӣ машғул шудан ва узви мақоми идораи ташкилоти тиҷоратӣ будан манъ карда шуд.

Муайян гардид, ки фаъолияти касбии шахсоне, ки мансабҳои давлатии хизмати давлатиро оид ба таъмини иҷрои ваколатҳои мақомоти давлатӣ ишғол менамоянд институти хизмати давлатиро ташкил медиҳад ва дар ин радиф шахсе, ки мансаби муздноки давлатиро дар хизмати давлатӣ ишғол менамояд ва мувофиқи қонун вазифаҳои хизматиро оиди таъмини иҷрои ваколатҳои мақомоти давлатӣ амалӣ мекунад, хизматчии давлатӣ номида мешавад. Қонун як қатор имтиёзҳоро барои хизматчиёни давлатӣ дар вақти адои хизмат ва пас аз он пешбинӣ намуд.

Бо мақсади ташкили низоми самараноки хизмати давлатӣ бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2001, №475 Раёсати хизмати давлатӣ, ҳамчун мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва бо мақсади роҳандозии азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ, баланд бардоштани савияи дониши хизматчиёни давлатӣ ва тақвият бахшидани саҳми онҳо дар самаранокии идоракунии давлатӣ, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 2002, №926 дар назди Раёсат Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ таъсис дода шуд.

Ҳамчунин ҷиҳати амалӣ намудани меъёрҳои ин Қонун дар тули 8 соли амал санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин таҳия ва қабул гардиданд, ки хусусияти бунёдӣ дошта, дар таҷрибаи кишвари мо мавҷуд набуданд. Аз ҷумла фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 декабри соли 2002 «Дар бораи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [8, с.4-21], аз 30 августи соли 2002 «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ» [9, с.164-175], аз 10 марти соли 2003 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи хадамоти кадрӣ» [10, с.3-7], аз 24 июли соли 2003 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи захираи кадрҳои хизмати давлатӣ» [11, с.170-177], аз 26 августи соли 2004 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли ҷои холӣ дар мансаби давлатии хизмати давлатӣ» [12, с.12-16], қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 апрели соли 1999 «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии хизматчиёни давлатӣ» [13, с.283-284], аз 12 апрели соли 1999, №154 «Дар бораи тасдиқи тартиби корбурди дафтарчаи меҳнатии кормандон» [14, с.285-304], аз 1 августи соли 2005, №289 «Дар бораи тасдиқи Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ» [15, с.381-385], ҳамчунин фармонҳои Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 сентябри соли 2005 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ»[16, с.488-491] ва аз 2 августи соли 2007, №33-Д «Дар бораи тартиби Савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ» [17, с.492-494] ва ғ.

Ҳамин тариқ, бо пайдоиши хизмати давлатии муосири Тоҷикистон бо тариқи ҳизбӣ ба мансабҳо интихоб ва қабул гардидани хизматчиёни

давлатӣ аҳамияташро гум карда, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» воситаи амалӣ гардидани ҳуқуқи шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ гардид. Дар солҳои минбаъда гарчанде Қонун ба меъёрҳои Конститутсияи кишвар ва қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буд, бо мақсади боз ҳам тақвият бахшидан ва ба талаботи ҷомеаи байналмилалӣ мутобиқ намудани хизмати давлатӣ бо ташаббуси навбатии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2007 Қонуни мазкур дар таҳрири нав қабул гардида[18, с.34-45], иқтидори мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар назди он баланд бардошта шуданд (дар солҳои минбаъдаи рушд, якумин ба Агентии хизмати давлатии ва дувумин ба Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуданд), ки боиси дар сатҳи зарурӣ таҳия, қабул, такмил ва роҳандозӣ шудани таъминоти ҳуқуқӣ ва усулии механизмҳои интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва таълиму тарбияи кадрҳо (технологияҳои кадрӣ) гардиданд [18, с.34-45].

Адабиёти истифодашуда:

1.Давлатов Ҷ.М. Ташкили хизмати давлатӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ. Қосимзода Г.Ҷ. Даҳ қадами устувор дар роҳи ташкил, ислоҳот ва рушди хизмати давлатӣ. //Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Нақши Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барқарор гардидани ҳокимияти конститутсионӣ ва Ваҳдати миллӣ». ш.Душанбе, 10 ноябри соли 2023. Матбааи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2023[1, с. 5, 20, 50, 51,52, 53].

2.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2008. Манбаъ: Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, president.tj, гӯшаи паёмҳо [2,с.2].

3.Гузориши Ҳамидов Х., мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳукуқӣ дар Иҷлосияи шашуми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Рӯзномаи Садои Мардум. 21.05.1997, шумораи 44(971).

4.Рӯзномаи «Ҷумҳурият», аз марти соли 1998.

5.Газетаи «Садои Мардум», 9 декабри соли 1998.

6.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, №577 «Дар бораи хизмати давлатӣ» //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998, №22, моддаи 297 [6, с.13-26].

7.Каримов К.М. Хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Нашриёти «Эр-граф», -2006[7, с.100].

8.Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 декабри соли 2002, №946 «Дар бораи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» //Маҷмӯи қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, декабри соли 2002 [8, с. 4-21].

9.Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2002, №878 «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ» //Маҷмӯи қарорҳои

Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, июл-августи соли 2002 [9,164-175].

10.Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2003,№1031 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи хадамоти кадрӣ» //Маҷмӯи қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, марти соли 2003 [10, с.3-7].

11.Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2003,№1114 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи захираи кадрҳои хизмати давлатӣ» //Маҷмӯи қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, июн-июли соли 2003 [11, с.170-177].

12.Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 августи соли 2004, №1384 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли ҷои холӣ дар мансаби давлатии хизмати давлатӣ» //Маҷмӯи қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, июл-августи соли 2004 [12, с.12-16].

13.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 апрели соли 1999, №142 «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии хизматчиёни давлатӣ» //Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри шашум, Душанбе: «Полграф групп».-2021 [13, с.283-284].

14.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 1999, №154 «Дар бораи тасдиқи тартиби корбурди дафтарчаи меҳнатии кормандон» //Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри шашум, Душанбе: «Полиграф групп».-2021 [14, с.285-304].

15.Қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 августи соли 2005, №289 «Дар бораи тасдиқи Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ» //Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум, Душанбе: «Нашри Камол».-2020 [15, с.381-385].

16.Фармони Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 сентябри соли 2005,№59-Д «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ» //Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри шашум, Душанбе: «Полиграф групп».-2021 [16, с.488-491].

17.Фармони Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2007, №33-Д «Дар бораи тартиби Савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ» //Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри шашум, Душанбе: «Полиграф групп».-2021 [17, с.492-494].

18.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, №233 «Дар бораи хизмати давлатӣ» //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №3 моддаи 166 [18, с.34-45].

Маълумот дар бораи муаллиф: Толибов Р.Ғ., нозир-референти Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ӯнвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к.Саид Носир -33. Тел.:(+992) 900901104.: 01-1@ahd.tj

Сведения об авторе: Р.Г. Толибов, инспектор-референт Агентства государственной службы при Президенте Республики Таджикистан, соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, село Саид Насир -33. Тел.: (+992) 900901104.: 01-1@ahd.tj

Information about the author: R.G. Tolibov, inspector-referent of the civil service Agency under the President of the Republic of Tajikistan, applicant for the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan,734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, village Said Nasir -33. Tel.: (+992) 900901104.: 01-1@ahd.tj